**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.
«___» ________ соли 2025

**Протоколи № 18**
ҷаласаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

26.11.2025 ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ. Furthermore Furthermore**

**Котиб: Нуриева В.М.**

**Иштирок доштанд:** Мудири шуъба: д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ., сарходими илмӣ д.и.ҳ., дотсент Нематов А.Р., ходимони пешбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Одиназода Р.С., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., ходими калони илмӣ д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А., ходими пешбари илмӣ н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Т.Қ., ходимони хурди илмӣ: Убайдова Х.Ш., Юсуфзода Ш.Х. ва лаборанти калони шуъба Нуриева В.М.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмоҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Роҳбари илмӣ** – Нематов Акмал Рауфҷонович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Набизода Набӣ Мирзонаим баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ,

вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояи арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунёвӣ, дар асоси риояи бечунучарои принсипҳои конститутсионии волоияти қонун, кафолати ҳуқуқ ва озодии инсон ва риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ рушд мекунад. Мувофиқи ин, фаъолияти институтҳои муҳимтарини ҳуқуқӣ бо мазмуни нав фарқ карда, махсусан дар фазои ҳуқуқии Тоҷикистон падида, категория, мафҳум ва соҳаҳои нав ба вуҷуд омаданд. Чунин падидаи муҳим дар илми ҳуқуқшиносӣ "фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ" мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор амалӣ карда мешавад. Дар шароити таҳкими давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти ҳуқуқтатбиқунӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб рафта, барои дар ҳаёт амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Қобили зикр аст, ки мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сохторҳои муҳими низоми давлатдорӣ ба шумор рафта, вазифаи асосии он таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Мақомоти прокуратура иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути назорати прокурарорӣ ба амал мебарорад. Фаъолияти мақомоти прокуратура аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баҳо дода шудааст: «Прокуратура ягона мақоме мебошад, ки ваколатҳои он ба тамоми ташкилоту корхонаҳо, сохтору ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ва доираҳои гуногуни аҳолӣ татбиқ мегарданд. Яъне кормандони мақомоти прокуратура чашми давлат мебошанд ва вазифадоранд, ки ҳамеша дар хизмати халқ бошанд, ҳамагуна камбудиву қонушиканиро дар ҷомеа сари вақт ошкор ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намоянд»

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ, назорати прокурорӣ, аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Т.Қ. ва ходими калони илмӣ д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Набизода Набӣ Мирзонаим ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ Нематов Акмал Рауфҷонович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Набизода Набӣ Мирзонаим суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа, мудири шуъба д.и.ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчии дигар, ходими калони илмӣ д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Набизода Набӣ Мирзонаим муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 16 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Набизода Набӣ Мирзонаим ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2025, №18 қабул гардидааст.

Хулоса ба овоз монда мешавад: «тарафдор»- 9 «зид»-нест, «бетараф»-нест, хулоса якдилона қабул карда шуд.

Мудири шуъба Бобоҷонзода И.Ҳ.

Котиб Нуриева В.М.

26.11.2025

Имзоҳои Бобоҷонзода И.Ҳ. ва

Нуриева В.М. -ро тасдиқ менамоям:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои

ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.